# СУРАТМАҶЛИСИ № 02

**Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**30.09.2024** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанад: аз 11-нафар узви шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024 № 321/шд тасдиқ гардида, 10- нафар иштирок доштанд, ки аз он 6-нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда ба ҳисоб меравад. Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш. А. ба ҳозирин иттилоъ дода ва хоҳиш намуд, ки оид ба кушодани ҷаласа фикри худро пешниҳод намоянд!

Таклиф шуд. ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад.

Сафаров Ш.А.- муҳтарам аъзои шуро боз ягон пешниҳоди дигар хаст?

Сафаров Ш.А – барои кушода эълон кардани ҷалаи шуро овоз диҳед !

Сафаров Ш.А. – ҳама аъзо «тарафдор», «зид» – нест, бетараф – нест.

Сафаров Ш.А. – ҷаласаи шурои диссертатсиониро кушода эълон менамоям!

## Рӯзномаи ҷаласа:

Оид ба диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодии шифоҳии халқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ( илмҳои педагогӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯи масъалаи якум гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Норова Зарина Исломовна ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Исматов С. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Норова Зарина Исломовна, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон 26 июни соли 2023, №295) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои

дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи « Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодии шифоҳии халқ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ( илмҳои педагогӣ), ки пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Ҳоҷиматова Г. - доктори илмҳои педагогӣ, раиси комиссия;
- Рӯзиева Л.Т. - доктори илмҳои филологӣ, аъзои комиссия;
- Давлатшоев И. – доктори илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 10- нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Сафаров Ш. А .**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п.** **Исматов С. Б.**

Имзоҳои Сафаров Ш. А. ва Исматов С.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири кадр ва коргузорӣ АТТ М. Саидова